**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 2025. - 40 саҳ.).**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид ба баррасии масъалаҳои принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия бахшида шудааст. Бояд зикр намуд, ки дар шароити рушди босуръати ҷомеаи тоҷик ғояҳои адолат, баробарӣ, инсондӯстӣ ва қонуният аҳаммияти рӯзафзун пайдо менамоянд, ки заминаи ташаккул ва қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ мегарданд. Маҳз ҳамин принсипҳо раванди фаъолияти қонунгузориро муайян намуда, мутобиқати онро ҳам ба талаботҳои дохилии ҷомеа ва ҳам ба стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон таъмин мекунанд.

Муқаррар ва дуруст мустаҳкам кардани ин принсипҳо ҳамчун асоси қонунгузории ҷиноятӣ дар таъмини татбиқи самараноки онҳо дар амал нақши калидӣ дорад. Онҳо на танҳо категорияҳои назариявӣ, балки ҳамчун дастурҳои амалӣ барои мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда баромад мекунанд, ки ҳимояи ҳуқуқҳои шахс, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва таъмини алоқамандии байни манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шаҳрвандро дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ кафолат медиҳанд.

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ асосҳои консептуалӣ ва меъёриро ифода мекунанд, ки татбиқи қонунгузории ҷиноятиро дар самти қонуният,

адолат ва инсондӯӣ таъмин намуда, инчунин самаранокии ҳуқуқӣ ва аҳамияти иҷтимоии онро муайян мекунанд. Чунин принсипҳо хусусияти низомсозӣ дошта, раванди танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятииро муайян намуда, имконпазирии худсариро истисно менамоянд ва риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии шахсро дар самти ҳифзи ҳуқуқ таъмин мекунанд. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо муқаррароти конститутсионӣ-ҳуқуқие, ки дар Конститутсияи ҶТ ифода ёфтаанд, пайвастагии амиқ дошта, заминаи меъёрию арзишии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии давлатро ташкил медиҳанд.

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ моҳияти консепсияи идеологии ҳуқуқи ҷиноятии муосирро дар худ таҷассум мекунад. Дар асоси он анъанаҳои назарияи ҳуқуқии ҷиноятии миллӣ ва таҷрибаи пешрафтаи қонунгузории ҷиноятии ҷаҳонӣ гузошта шудааст. Принсипҳо аз муқаррароти санадҳои қонунгузорӣ, ки ҳуқуқ, мансубият ва мақсади ҳуқуқро ифода мекунанд, бармеоянд. Хусусияти фарқкунандаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар гуногунии дохилии онҳо ифода меёбад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия дар айни замон мубрам ба ҳисоб меравад.

Навгониҳои таҳқиқот шубҳае ба вуҷуд намеорад, зеро дар он таҳқиқоти ҳамаҷонибаи мушкилоти татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври муназзам бо таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, таҳлили аломатҳои объективию субъективӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзуи номбурда, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Навовариҳои кори мазкур дар хулоса ва пешниҳодоте, ки муаллиф ба ҳимоя пешниҳод кардааст, ба таври возеҳ ифода ёфтаанд.

Аз андешаҳо ва хулосаҳои дигари дар автореферат пешниҳодшуда маълум мегардад, ки таҳқиқоти мазкур бо усули илмӣ ва таҳлили ҳаматарафаи масъалаҳо анҷом ёфтааст. Муаллиф тавонистааст, ки ба таври муфассал ва амиқ ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқии принсипҳои ҳуқуқи

ҷиноятиро аз нигоҳи назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия баррасӣ намуда, ба натиҷаҳои боэътимод ва асоснок даст ёбад. Ин тадқиқот бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас, дақиқ ва илмӣ метавонад ҳамчун манбаи боэътимоду судманд барои такмилу ғанӣ гардонидани меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад. Ҳамчунин, натиҷаҳои ин таҳқиқот метавонанд дар амалияи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, суд ва дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои ҳуқуқӣ дар ин самт саҳми назаррас гузоранд.

Дар баробари тарафҳои мусбии таҳқиқот дар он баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

Мувофиқи ақидаи муаллиф принсипҳои қонуният, адолат, гуноҳ, инсондӯстӣ, фардисозии ҷазо, ногузирии ҷавобгарӣ, ногузир будани ҷавобгарӣ ва манъ будани додани ҷазо ду бор дар системҳои ҳуқуқии муосир, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятии ҶТ пешбинӣ ва эътироф шудаанд. Ин принсипҳо на танҳо дар қонун муқаррар мешаванд, балки дар амалияи Суди Конститутсионӣ, Суди Олии ҶТ ва ҳамчунин дар доктринаи илмии ҳуқуқии кишвар мавқе ва рушди худро пайдо менамоянд (саҳ. 16). Оё принсипҳои КҶ ҶТ дар амалияи Суди Конститутсионии ҶТ татбиқ карда мешавад? Агар шаванд, муаллиф ҳангоми ҳимоя онро асоснок менамуд.

Новобаста аз эродҳои қайдшуда, бояд таъкид кард, ки муаллиф тадқиқоти мукаммал ва ҳамаҷонибаи илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додааст. Ин кор бо тарзи эҷодкорона таҳия шуда, масъалаи муҳими ҳуқуқи ҷиноятиро ба таври амиқу дақиқ ҳал намудааст. Таҳқиқоти мазкур метавонад барои пешрафти назариявӣ ва такмили амалии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас дошта бошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани

дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**Муовини Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Тағозода А.С.**

**Имзои Тағозода А.С.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Суди Олӣ** **Исозода Д.О.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734042, ш. Душанбе, кӯчаи Шевченко,**
**Тел. 221-13-96; E-mail: info@sud.tj, web:http://sud.tj, a.tagozoda@gmail.com**

**«05» 08 2025 с.**